# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждани мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Рисолаи номзадии Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ба ҳисоб рафта, ки дар рушди бозори хизматрасони нақлиёти масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон хусусияти хоси худро дорад. Мавриди қайд аст, ки маҷмааи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ, инчунин хоҷагии роҳҳои автомобилгард ташкил медиҳад. Муаллиф зикр менамояд, ки «танзими ҳуқуқии равобити нақлиётӣ барои бехатарии худи нақлиёт, инкишофи он, инчунин риояи манфиатҳои қонунии муштариёни ташкилотҳои нақлиётӣ аҳаммияти хосса дорад. Нақлиёти мусофиркашонӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини алоқа ва навъи мунтазам рушдёбандаи нақлиёт ба ҳисоб меравад».

Диссертатсияи аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб (параграф), хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои (маъхазҳои) истифодашуда иборат шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Тавсифи умумии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз чор зербоб иборат аст. Дар он мафҳум, хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон, уҳдадориҳои мусофиркашон, чораҳои ҳимоя, чораҳои ҷавобгарии молумулкӣ, ки ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои мусофиркашон татбиқ мешаванд ва ҷавобгарии мусофиркашон аз мавқеи фаҳмиши муосири ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ таҳлил гардидааст.

Боби дуюм – **«Ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ҳангоми иҷро накардани ухдадориҳои алоҳида»** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст, ки дар онҳо масъалаҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон барои ба таъхир андохтани мусофиркашонӣ ё сари вақт ба маҳалли таъйинот нарасонидани мусофирон ва ҷанбаҳои муҳимми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофирон таҳлил шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз нуқтаи назари муаллиф ҷиҳати коркарди асосҳои назариви ва амалии муайянсозии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон иборат мебошад (саҳифаҳои 8 – 11-и автореферат).

Муаллиф дар банди сеюми навгони дарҷ намудааст, ки «ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон яке аз навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки меъёрҳои муқаррарнамудаи ҳуқуқи гражданиро нисбат ба оқибатҳои ҳуқуқии аз тарафи шахс иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби ухдадориҳоро вобаста ба вайрон шудани ҳуқуқи субъективии граждании шахси дигар амалӣ мегардонад. Ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон дар татбиқи чораҳои таъсиррасонии тибқи қонун ва ё шартнома пешбинишуда нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда (қарздор) ба манфиати шахси дигар (кредитор) мебошад, ки барои ӯ оқибатҳои манфӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ ногувори дорои характери молумулкӣ – ҷуброни зарар, пардохти ноустуворона (ҷарима, пена) дорад» (саҳифаҳои 18 – 19-и автореферат).

Яке аз пешниҳодҳои муаллиф на танҳо натиҷаҳои навгонӣ мебошад, балки дар амалия аҳамият дорад.

Омӯзиши автореферат собит сохт, ки муаллиф вазифаҳои гузошташударо бо муваффақ ҳаллу фасл намудааст. Муҳимият ва асоснокии натиҷаҳо аз истифодаи сарчашмаҳои оморӣ-аналитикӣ шаҳодат медиҳад.

Аз нуқтаи назари камбудиҳои дар рисолаи илмӣ роҳ дода шуда, дар таҳқиқот хусусият ва тартиби бастани шартномаи мусофиркашонӣ дар нақлиёти истифодаи умум таҳлил нагардидааст.

Новобаста ба камбудиҳои овардашуда, рисолаи илмии мазкур фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Қурбонализода Фурқат мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад ва барои гирифтани дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Суроға: Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 734042, ш. Душанбе, кӯчаи Айни, 14.**
**Телефон: 221-17-13, факс: 221-20-03.**

**Муовини вазири нақлиёт**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** — **Саидмуродзода Ш.**

**Имзои Саидмуродзода Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсус** — **Сайдвалиева О.С.**

ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО